# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия пешниҳод шудааст**

Яке аз манбаъҳои асосии истеҳсол намудани доругиҳои растанигӣ дар саноати дорусозӣ ин растаниҳои эфемероидӣ мебошад, ки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад доир ба омӯзиши динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании эфемероидӣ Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ бахшида шудааст.

Барои муайян кардани пайвастагиҳои химиявӣ аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) унвонҷӯ аз усулҳои ҳозиразамон ба монанди электрофорези қатрагӣ, спектор ИС-Фуре ва хромотографияи самаранокиаш баланди моегӣ истифода бурдааст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад нишон додааст, ки растании номбурда дорои модаҳои зиёди органикӣ мебошад. Ин пайвастагиҳои омӯхташуда дар раванди истеҳсолоти доругиҳои растанигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди имкон нав мебошад. Аз тарафи дигар, унвонҷӯ аз манбаи адабиёти истифодашуда муайян намудааст, ки растании номбурда дорои хосияти шифобахшӣ буда, зиёда аз 60-80% аҳолии ҷаҳон барои табобати бемориҳои гуногун ба тибби анъанавӣ такя мекунанд. Инчунин бо мурури пайдо шудани парвариши ин навъи растаниҳо дар шароити гуногуни экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст, ки ба истеҳсолот додани навъҳои растаниҳои шифобахш ва омӯхтани таркиби дигар намуди растаниҳои эфемероидӣ мукаммалтар мегардад.

Унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад фаъолиятнокии пайвастагиҳои антиоксидантии Сичи калон (*E. robustus* Regel) ва заҳрнокии шадиди полисахариди дар об ҳалшаванда-глюкоманнан, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ҷудо карда, дар кори пешниҳодшуда нишон додааст, ки ин пайвастагии омухташудда модаи заҳрнок ба ҳисоб намеравад.

Зикр бояд кард, ки автореферати мазкур пурра мазмун ва муҳтавои диссертатсияро инъикос намуда, тибқи талабот анҷом дода шудааст.

Хулоса, рисолаи мазкур дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашудаи муаллиф руйи чоп омадааст ва дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Автореферат аз руйи мазмун ва тартиб тибқи талабот навишта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферат ва диссертатсияи Султонмамади Гулмамад оид ба муҳиммият, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштан ва ҳаҷми гузаронидани таҳқиқотҳо ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба талаботи боби-3, бандҳои 31-34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонмамади Гулмамад, барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз руйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор аст.

Мутахассисӣ маркази биоэквивалентии маводи доруи КВД "ЭОМФТ"
(Корхонаи воҳиди давлатии "Экспертиза ва озмоишии маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ")- и Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, номзади илмҳои тиббӣ — Элназаров М.Х.

Имзои М.Х. Элназаровро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории КВД "ЭОМФТ" и Хадамот — Сайфуллоева Ш.Н.

15.05.2024